Автор: Комрон
07.06.2019 12:31 - Обновлено 07.06.2019 12:35




**Сўиистеъмоли маводи нашъадор, бемории нашъамандї ва беморињои сирояти марбут ба он аз нигоњи дини мубини ислом**

Мусаллам аст, ки «26 июн - Рўзи байналмилалии мубориза бар зидди маводи нашъаовар» -ро дар тамоми љањон ќайд менамоянд.

Аз ин рўй Љумњурии Тољикистон њамчун љузъи људонашавандаи љомеъаи љањони ба њисоб рафта, њамасола ин рўзро дар сатњи баланд бо чорабинињои фарњангию

маърифатї љашн мегирад.

Дар баробари ин Муассисаи давлатии «Маркази миллии мониторинг ва пешгирии нашъамандї» -и Вазорати тандурустї ва њифзи иљтимоии ањолии Љумњурии Тољикистон бо маќсади коњиш додани нашъамандиву нашъаљаллобї имсол дар миќёси љумњурї ин рўзро дар сатњи баланд љашн мегирад.

Мањз, бахшида ба ин рўз дар таърихи 07 июни соли 2019 дар масљидњои љомеи љумњурї ба ањли намозгузорон аз тарафи имомхатибон сўхбатњо гузаронида шуд. Имомхатибон дар атрофии мавзўи «Сўиистеъмоли маводи нашъадор, бемории нашъамандї ва оќибатњои тиббию иљтимоии он аз нигоњи дини мубини ислом» дар мавъизаи имомхатибони масљидњои љомеаи љумњурї  суханрони намуданд.